# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзуи Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

*11 июли соли 2025* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Комилов С.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Машокиров Ҷ.Н., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳусензода Анвар Раҳмонқул **хулосаи** зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ **Ҳусензода Анвар Раҳмонқул** ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Ҳусензода Анвар Раҳмонқул, 02-уми декабри соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2009 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи ихтисоси менеҷменти тиҷоратӣ хатм кардааст. Солҳои 2008-2010 ҳамчун лаборанти кафедраи математика – информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Солҳои 2010-2012 оператори ДОТ дар шаҳри Панҷакент кор кардааст.

Солҳои 2012-2016 сармутахассиси маркази бақайдгирии ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2020 сардори маркази бақайдгирии донишҷӯёни ДОТ дар шаҳри Панҷакентро ба уҳда дошт.

Аз сентябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси ҳамкор - устоди калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият менамояд.

Солҳои 2020-2023 ҳамчун мутахассис оид ба пайгирии хатмкунандагони ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият намудааст.

Аз октябри соли 2023 то ҳол ба ҳайси роҳбари дастгоҳи иҷроияи ректори ДОТ дар шаҳри Панҷакент фаъолият менамояд.

Мавзӯи диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада аз 31 декабри соли 2019, таҳти рақами №5 тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) (06.05.2021) бо баҳои 4 (хуб), аз фанни таърихи фалсафаи илм (19.05.2022) бо баҳои 5 (аъло) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос 16.01.2024 бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд. Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти рақами №605 аз 19.02.2024 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода шудааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта. Бо шумораи 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттесттатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов Раҷаб Кӯчакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

### ***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ **аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат** мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### ***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаaанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Ҷурахонзода Саодат Ҷурахон - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Ба сифати муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” -и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Дустбоев Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Комилов С.Ҷ.

н.и.и., дотсент — Машокиров Ҷ.Н.

*Имзоҳои комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям:*

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ — Машокиров Ҷ.Н.